Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи масъалаҳои тартиби гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР

Дар бораи масъалаҳои тартиби гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ" ва моддаи 18(2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

2. Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин (минбаъд Комиссияи ҳукуматӣ) таъсис ва ҳайати он тасдиқ карда шавад (замимаи 2).

3. Низомномаи Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин тасдиқ карда шавад (замимаи 3).

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2008, № 400 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани озмун барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 2 марти соли 2013, № 89

ш. Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 марти соли 2013, № 89

ТАРТИБИ
баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи
қаъри замин

1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур (минбаъд Тартиб) тартиб ва шартҳои баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри заминро (минбаъд - Озмун) бо мақсади муайян намудани ғолиби озмун, ки ба талаботҳои озмун мутобиқ буда, дорои имкониятҳои зарурии молиявию техникӣ мебошад, муқаррар менамояд.
2. Озмун аз лиҳози шумораи иштирокчиён озод мебошад.
3. Ташкили баргузории Озмун аз ҷониби Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани Озмун барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин (минбаъдКомиссияи ҳукуматӣ) таъмин карда мешавад. Ҳайати Комиссияи ҳукуматӣ ва Низомномаи он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.
4. Номгӯи қитъаҳои қаъри замине, ки ба Озмун бароварда мешаванд, ва шартҳои он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Комиссияи ҳукуматӣ тасдиқ карда мешаванд.

2. Корҳои омодагӣ барои баргузории озмун

5. Эълон оид ба гузаронидани Озмун дар воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ ва хориҷӣ, бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ нашр карда мешавад.
6. Дар эълон оид ба гузаронидани Озмун бояд муқаррароти зерин зикр шавад:
- вақт ва ҷойи гузаронидани Озмун, инчунин мӯҳлати пешниҳоди дархостҳо барои иштирок дар Озмун;
- шартҳои асосии Озмун;
- нишондод ба минтақаи ҷойгиршавӣ ва тавсифи мухтасари қитъаҳои қаъри замине, ки барои таъмини фаъолияти истифодабарии қаъри замин пешниҳод карда мешаванд;
- иттилоот оид ба андозаи пардохт барои иштирок дар Озмун ва мушаххасоти бонкӣ барои пардохтани он;
- андозаи ибтидоии бонуси обунавӣ;
- андозаи хароҷот барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, рушди инфрасохтор ва омодасозии кадрҳои миллӣ;
7. Дар мавриди зарурат дар хабарнома оид ба гузаронидани Озмун барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин метавонад талабот оид ба миқдори ҳадди ақалли маводи хоми маъдане, ки иштирокчии Озмун ӯҳдадор мешавад дар мӯҳлати муайян коркарди онро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд, зикр карда шавад.

8. Мӯҳлате, ки ба иштирокчиёни озмун барои пешниҳоди дархостҳо оид ба иштирок дар озмун дода мешавад, наметавонад зиёдтар аз се моҳ аз рӯзи интишори эълон дар бораи гузаронидани Озмун бошад.

### 3. Тартиби пешниҳоди дархост барои иштирок дар Озмун

9. Дархостҳо оид ба иштирок дар Озмун барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин (минбаъд - Дархост) мутобиқи шакли замимаи 1 Тартиби мазкур дар якҷоягӣ бо ҳуҷҷатҳои зарурие, ки дар банди 12 Тартиби мазкур зикр шудаанд, дар суроғаи дар эълон оид ба Озмун нишондодашуда, дар доираи мӯҳлати дар эълон муқарраршуда аз ҷониби Котиботи Комиссияи ҳукуматӣ қабул ва ба қайд гирифта мешаванд.

10. Дархостҳо дар дафтари махсуси қайди дархостҳо барои иштирок дар Озмун барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин аз рӯйи шакли дар замимаи 2 Тартиби мазкур муқарраршуда ба қайд гирифта мешаванд.

11. Дархостҳое, ки баъд аз мӯҳлати муқарраршудаи қабули дархостҳо пешниҳод мегарданд, қабул ва ба қайд гирифта намешаванд.

12. Ба Дархост оид ба иштирок дар Озмун бояд ҳуҷҷатҳои зерин замима карда шаванд:

- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар бораи мавҷудияти салоҳияти дархосткунанда, ваколатҳои роҳбар ва ё намояндаи дархосткунанда, ки Дархостро пешниҳод менамояд;
- ҳуҷҷати тасдиқкунанда дар бораи аз ҷониби дархосткунанда пардохт гардидани хироҷ барои иштирок дар Озмун.

13. Ҳангоми пешниҳод нагардидани ягон адад Дархост барои иштирок дар озмун, Комиссияи ҳукуматӣ дар бораи баргузор нагардидани Озмун қарор қабул менамояд ва такроран Озмун эълон менамояд.

14. Андозаи хироҷ барои иштирок дар Озмун аз тарафи Комиссияи ҳукуматӣ муайян карда мешавад. Хароҷоти иштироккунандагони Озмун, аз ҷумла маблағи хироҷ барои иштирок дар Озмун ҷуброн ва ё баргардонида намешаванд. Маблағи хироҷ дар суратҳисоби махсуси хазинадорӣ ҷамъ карда шуда, барои хароҷоти вобаста ба омодагӣ ва гузаронидани озмунҳо, аз ҷумла додани эълон, ҷалби коршиносон, таъмини маводи канселярӣ ва дигар хароҷоте, ки барои фаъолияти самараноки он зарур мебошад, истифода мегардад.

15. Ҳангоми ба пуррагӣ пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо, Дархост ба қайд гирифта шуда, ба иштирокчии Озмун бастаи ҳуҷҷатҳои Озмунии иборат аз маводҳои манбаи иттилоотии коне, ки доир ба он Озмун эълон гардидааст, дар ҳаҷми кифоя барои омодасозии пешниҳоди озмунӣ ва инчунин шартҳо ва меъёрҳои додани пешниҳодоти озмунӣ пешниҳод карда мешавад.

16. Бастаи ҳуҷҷатҳои озмунӣ, ки ба дархосткунандагони озмун пешниҳод мешавад, бояд ҳаммонанди баробар бошанд.

### 4. Шартҳои пешниход гардидани пешниҳодоти озмунӣ

17. Талаботи зарурии иштирок дар Озмун ин дороии ҳуқуқӣ, молиявӣ ва техникии иштирокчии Озмун мебошад, ки салоҳияти ҳуқуқӣ ва имкониятҳои молиявӣ, техникӣ, идоракунӣ ва ташкилии онро муайян

месозанд.

18. Бастаи пешниҳодҳои озмунии иштирокчиёни Озмун бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дар бар гирад:

- шакли пешниҳоди молиявӣ, ки дар он пешниҳоди иштирокчии Озмун оид ба пардохти ҳаҷми муайяни бонуси обунавӣ ва ӯҳдадориҳои он доир ба харҷи воситаҳо барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, рушди инфрасохтори он ва омодасозии мутахассисони миллӣ пешбинӣ шудааст;

- нусхаҳои тасдиқшудаи шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатҳои иштирокчии Озмун, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор тасдиқ шудаанд;

- гувоҳнома оид ба қарздор набудан аз рӯи ӯҳдадориҳои андозбандӣ дар назди мақомоти андозе, ки дар салоҳияти он иштирокчии Озмун бақайдгирифта шудааст;

- рӯйхати аз ҷониби шахси ваколатдори иштирокчии Озмун тасдиққардашудаи ҳамаи саҳмдорон ва ё иштирокчиёне, ки дорои зиёда аз 5% саҳмияҳо ва ё саҳми иштирокчии Озмун мебошанд. Дар ин рӯйхат бояд оид ба ҳар як Молик, номгӯи пурраи саҳмдор ё иштирокчӣ, теъдоди саҳмияҳо ва ё ҳиссаи онҳо дар ифодаи фоиз, инъикос карда шавад;

- нусхаҳои ҳисоботҳои молиявӣ барои 3 соли охири молиявӣ, аз ҷумла тавозуни муҳосибавӣ ва ҳисобот оид ба фоида ва зарар (нусхаҳои ҳисоботҳои молиявӣ бояд барои шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти андоз ва барои шахси ҳуқуқии хориҷӣ бо тартиби муқарраргардида тасдиқ карда шаванд);

- ҳуҷҷати тасдиққардашуда дар бораи устувории молиявии иштирокчии озмун, ки аз ҷониби бонки хизматгузори иштирокчии Озмун дода мешавад (ҳуҷҷати мазкур бояд дар мӯҳлати 6 моҳи охир то рӯзи пешниҳод намудани пешниҳодоти озмунӣ тасдиқ карда шавад);

- маълумот дар бораи таҷрибаи идоракунӣ ва ё таҳияи асосноккунии техникию иқтисодӣ, тарҳҳои муҳандисӣ, амалӣ намудани корҳои сохтмонӣ, истихроҷ, ба истифода додан ва коркарди захираҳои канданиҳои фоиданок дар мӯҳлати 5 (панҷ) соли охир;

- дигар маълумотҳо, ҳуҷҷатҳо ва талаботҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ дарҷ гардидаанд.

19. Мӯҳлати баррасӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳои озмунӣ ва пешниҳоди пешниҳодҳои озмунии иштирокчии Озмун наметавонад, аз 90 рузӣ тақвимӣ аз рӯзи ба анҷомрасии санаи пешниҳоди дархостҳо зиёд бошад, дар ҳолате, ки агар дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ дигар чиз пешбинӣ нашуда бошад.

20. Ҳуҷҷатҳои озмунӣ набояд мавриди нусхабардорӣ ва ё ошкорбаёнӣ қарор дода шаванд.

21. Пешниҳодоти Озмуние, ки ба Комиссияи ҳукуматӣ ворид мегардад, ба иштирокчиёни Озмун баргардонида намешавад. Дар пешниҳодоти озмунӣ бояд оид ба шинос гардидани иштирокчии Озмун бо Тартиби мазкур ва ҳуҷҷатҳои озмунӣ, дар бобати шартҳои баргузории Озмун ва талаботҳои муайянгардида барои иштирокчиёни Озмун, қайд карда шавад.

22. Пешниҳоди ҳама гуна ҳуҷҷатҳо, дархостҳо ва ё дигар иттилоот аз ҷониби иштирокчиёни Озмун ба Комиссияи ҳукуматӣ ирсолшаванда бояд ба таври хаттӣ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва/ё англисӣ, бо дарназардошти ҳатмии ирсоли нусхаи онҳо ба суроғаи почтаи электроние, ки дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ зикр гардидааст, таъмин карда шавад. Ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо забонҳои дигар, ба ҳар кадоми онҳо ба таври

ҳатмӣ тарҷумаи забони русӣ ва/ё англисӣ, ки дар доираи тартиби муқарраргардида тасдиқ карда шудааст, замима мегардад.

23. Пешниҳодоти озмунӣ аз ҷониби иштирокчиёни Озмун (ва намояндагони онҳо) ба суроға ва дар мӯҳлатҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқаррар шудаанд, дар лифофаҳои мӯҳрдор пешниҳод карда мешаванд.

24. Ҷаласаҳои Комиссияи ҳукуматӣ пӯшида мебошанд. Дар ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ ба Раиси Комиссияи ҳукуматӣ, Котиби масъули комиссия бастаи ҳуҷҷатҳои довталабонро дар шакли мӯҳркардашуда месупорад. Раиси Комиссияи ҳукуматӣ дар ҳузури аъзои Комиссияи ҳукуматӣ бастаҳои пешниҳодҳои озмуниро мекушояд. Пас аз кушодани бастаи ҳуҷҷатҳои озмунӣ Комиссияи ҳукуматӣ ба мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои дар банди 18 Тартиби мазкур нишон додашуда, боварӣ ҳосил мекунад.

5. Ҷамъбасти натиҷаҳои Озмун ва эълон намудани ғолиби Озмун

25. Аз рӯи натиҷаҳои арзёбишудаи пешниҳодҳои озмунии иштирокчиёни Озмун оид ба мутобиқат ба талаботҳо барои иштирок дар озмун ва меъёрҳои арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ тибқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, аз тарафи аъзоёни Комиссияи ҳукуматӣ шакли ҳисоботи арзёбӣ пур карда мешавад ва аз тарафи Котиби масъули Комиссияи ҳукуматӣ Протоколи ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ тартиб дода мешавад. Протоколи мазкур қарори Комиссияи ҳукуматӣ оид ба интихоби ғолиби Озмун бо замимаи пешниҳоди озмунии ғолибро дар бар гирифта, аз тарафи аъзоёни Комиссияи ҳукуматӣ ва Раиси Комиссия имзо карда мешавад.

26. Ғолиби Озмун аз ҷониби Комиссияи ҳукуматӣ дар асоси таъмини маҷмӯи талаботҳои зерин муайян карда мешавад:

- мутобиқати иштирокчии Озмун ба ҳама талаботҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва техникие, ки барои иштирок дар Озмун муқаррар шудааст;
- ҳаҷми пешниҳодкардашудаи бонуси обунавие, ки иштирокчии Озмун ба фоидаи давлат пардохт менамояд;
- ҳаҷми хароҷотҳо барои рушди иҷтимоӣ - иқтисодии минтақа, рушди инфрасохтори он ва омодасозии мутахассисони миллӣ.

27. Ғолиби Озмун аз ҷониби Комиссияи ҳукуматӣ бобати ғолиб баромаданаш дар Озмун ба таври расмӣ иттилоотонидашуда, натиҷаи Озмун дар нашрияҳои расмии чопии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мешавад. Замони тасдиқи протокол дар бораи муайян намудани ғолиби Озмун, ҳамчун замони ба вуҷуд омадани ӯҳдадории ғолиби Озмун барои ба имзорасонии Созишномаи сармоягузорӣ, бо шартҳои на камтар манфиатовар барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шартҳое, ки дар муқоиса дар пешниҳодоти озмунӣ дарҷ шудааст, ба ҳисоб меравад.

28. Дар ҳолате, ки як пешниҳоди озмунӣ пешниҳод карда мешавад, Комиссияи ҳукуматӣ ҳуқуқ дорад, ки такроран Озмун эълон намояд ва ё оид ба додани ҳуқуқ барои истифодаи қаъри замин тавассути гуфтушунид ба иштирокчии Озмун қарор қабул намояд. Гуфтушунид бо иштирокчии Озмун аз тарафи Комиссияи ҳукуматӣ бурда мешавад.

29. Қарори Комиссияи ҳукуматӣ барои аз ҷониби мақоми иҷроияи иҷозатномадиҳӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидани лоиҳаи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ғолиби Озмун додани иҷозатнома барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин асос буда, дар

мавриди аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гаштани қарор нисбати ба ғолиби Озмун додан ё надодани иҷозатнома барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин характери тавсиявӣ дорад.

Шакли 1
ба Тартиби баргузории озмунҳо
барои ҳуқуқи истифодаи қаъри
замин

ДАРХОСТ
оид ба иштирок дар озмун барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин

"___"__________ 20___ г.

Бо шартҳои иштирок дар озмун барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замини

_______________________________________________________________

(номгӯи кон)

_______________________________________________________________

шинос гардида, ҳамаи талаботҳо ва шартҳои муқарраргардидаи ташкилу баргузории озмунро қабул медонем ва мо_______________________________

_______________________________________________________________

(Номгӯи пурра ва минтақаи ҷойгиршавии истифодабарандаи қаъри замин,

_______________________________________________________________

ки довталаби ҳуқуқи коркарди кон мебошад)

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

барои иштирок дар озмун омадагии худро изҳор менамоем ва ҳангоми ғолиб омадан дар озмун, баимзорасонии Созишномаи сармоягузориро ба ӯҳда мегирем.

Ҳамзамон, баён менамоем, ки ширкати мо:

- аз ҷониби мақомотҳои судӣ муфлис эълон нагардидааст ва айни замон дар ягон марҳилаи баррасии судӣ оид ба муфлисшавӣ, барҳамдиҳӣ ва ё таҷдиди сохтори ширкат қарор надорад;

- дорои қобилияти маблағсупорӣ буда, аз лиҳози молиявӣ устувор мебошад;

- дар мӯҳлати се соли охир аз ҷониби мақомотҳои судӣ оид ба қонуншиканиҳои самти фаъолияти иқтисодӣ маҳкум нагаштааст.

Рӯйхати ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда:

1. ___________________________________________________________
2. ___________________________________________________________
3. ___________________________________________________________
4. ___________________________________________________________
5. ___________________________________________________________
6. ___________________________________________________________

Замима дар ______ с.

______________________ ________ _________________

(шахси ваколатдор) (имзо) (Ному фамилия)

Ҷ.М.

Шакли 2
ба Тартиби баргузории озмунҳо
барои ҳуқуқи истифодаи қаъри
замин

Дафтари
қайди дархостҳо оид ба иштирок дар озмун барои ҳуқуқи истифодаи
қаъри замин

| № | Номгӯи озмун | Номгӯи иштирокчии дархосткунанда ва минтақаи ҷойгиршавии он | Санаи қабули Дархост, рақами воридотии Дархост | Ҳуҷҷатҳои замимагашта | Нишони бақайдгирии Дархост | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

Шахси масъул барои ____________ ____________
қайд кардан дар дафтар (имзо) (ному фамилия)

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 марти соли 2013, № 89

Ҳайати
Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо
барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин

- Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Комиссияи ҳукуматӣ;
- Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини Раиси Комиссияи ҳукуматӣ;

Аъзои Комиссия:

- Муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон;

- Муовини якуми Раиси Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини якуми Сардори Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мудири Шӯъбаи ислоҳоти иқтисодӣ ва инвеститсияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- Мудири Шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мудири Шӯъбаи саноат ва энергетикаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Замимаи 3
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 марти соли 2013, № 89

НИЗОМНОМАИ
Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо
барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин

1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо барои истифодаи қаъри замин (минбаъд- Низомнома) вазифаҳо, тартиби ташаккул, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, тартиби фаъолияти Комиссияи ҳуқуматӣ оид ба гузаронидани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри заминро (минбаъд - Комиссияи ҳукуматӣ) муайян менамояд.

2. Комиссияи ҳукуматӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

3. Комиссияи ҳукуматӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

4. Комиссияи ҳукуматӣ ҳамчун мақоми машваратӣ дар асоси даъват амал карда, бо мақсади интихоби ғолиби озмун (ва ё озмунҳо), таъмини муқоисаи воқеӣ ва арзёбии пешниҳодҳои озмунии иштирокчиёни Озмун, инчунин таъмини шаффофият, рақобатпазирӣ, шароити баробар ва роҳ надодан ба маҳдудкунии ҳуқуқ ҳангоми интихоби ғолиби озмун таъсис дода мешавад. Таъминоти моддию техникии фаъолияти Комиссияи ҳукуматӣ аз ҳисоби маблағҳои ҳамчун хироҷ барои иштирок дар Озмун пардохтнамудаи иштирокчиёни Озмун, ки дар суратҳисоби махсуси хазинадорӣ ҷамъ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

2. Ҳайати Комиссияи ҳукуматӣ

5. Ҳайати Комиссияи ҳукуматӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

6. Комиссияи ҳукуматӣ аз 13 аъзо, аз ҷумла Раиси Комиссияи ҳукуматӣ ва Муовини Раиси Комиссияи ҳукуматӣ иборат мебошад.

3. Ваколатҳои Комиссияи хукуматӣ

7. Комиссияи ҳукуматӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- бо пешниҳоди мақоми иҷроияи иҷозатномадиҳӣ маъқул ва пешниҳод намудани Номгӯи қитъаҳои қаъри замине, ки ба озмун бароварда мешаванд ва шартҳои озмун барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайяи намудани регламенти озмун ва инчунин ҳаҷми хироҷ барои иштирок дар озмун;
- қабул ва бақайдгирии аризаҳо барои иштирок дар озмун;
- ба иштирокчиёни озмун додани хуҷҷатҳои асосӣ барои тартиб

додани пешниҳоди озмунӣ;

- тафсири муқаррароти лоиҳа ва шартҳои асосии озмун;
- ҷамъбасти натиҷаҳои озмун;
- омодасозӣ, барасмиятдарорӣ ва тасдиқи хулосаи Комиссияи ҳукуматӣ аз рӯи натиҷаҳои озмун ва ирсоли он ба мақомоти дахлдор.

8. Комиссияи ҳукуматӣ пешниҳоди озмунии иштирокчиёни озмунро дар мӯҳлати на зиёда аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи кушодани лифофаҳои пешниҳодҳои озмунӣ баррасӣ, арзёбӣ ва муқоиса менамояд.

9. Комиссияи ҳукуматӣ ҳуқуқ дорад барои арзёбӣ ва муқоисаи пешниҳодҳои озмунӣ коршиносони мустақилро ҷалб намояд. Зери мафҳуми коршиносон ашхоси дорои дониши махсус дар соҳаи иқтисодиёт, кӯҳкорӣ ва дигар соҳаҳое, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдори маълумоти касбӣ ва ё таҷрибаи кории коршинос тасдиқ карда шудааст, дар назар дошта мешавад.

10. Коршиносон наметавонанд ашхосе, ки шахсан ба натиҷаҳои озмун манфиатдор ҳастанд (аз ҷумла, ашхосе, ки воҳиди кории ташкилот ва корхонае бошанд, ки барои иштирок дар озмун дархост пешниҳод намудаанд) ва ё шахсони воқеие, ки ба онҳо иштирокчиёни озмун имконияти таъсиррасонӣ доранд (аз ҷумла, шахсони ширкаткунанда (саҳом) ва ё молики ин ташкилотҳо, аъзои мақомоти идораи онҳо, қарздиҳандаи иштирокчии озмун) бошанд.

11. Коршиносон ба Комиссияи ҳукуматӣ хулосаи худро доир ба масъалаҳои аз тарафи Комиссияи ҳукуматӣ вогузоршуда дар давоми даҳ рӯзи корӣ аз рӯзи ба онҳо ворид шудани пешниҳодҳои озмунӣ пешкаш менамоянд. Ақидаи коршинос, ки дар хулосаи коршиносӣ баён карда мешавад, хусусияти тавсиявӣ дошта, барои Комиссияи ҳукуматӣ ҳатмӣ намебошад. Хулосаи коршиносӣ дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, ба Протоколҳои ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ замима мегардад.

12. Дар ҳолати зарурӣ Комиссияи ҳукуматӣ ҳуқуқ дорад барои самаранок анҷом додани озмун мушовирон ва ҳамчунин мушовирони хориҷиро ҷалб намояд.

13. Ба вазифаҳои мушовирон дохил мешаванд:

- омодасозии пешниҳод ва тавсияҳо ба Комиссияи ҳукуматӣ доир ба масъалаҳои самаранок анҷом додани озмун;
- омодасозии шаклҳои фосилавӣ ва ниҳоии ҳуҷҷатҳои озмунӣ;
- тафсири муқаррароти ҳуҷҷатҳои озмунӣ ба аъзоёни Комиссияи ҳукуматӣ;
- иштирок дар вохӯриҳои аз тарафи Комиссияи ҳукуматӣ бо иштирокчиёни озмун гузарондашаванда ба ҳайси мушовири Комиссияи ҳукуматӣ;
- ба Комиссияи озмунӣ машварат додан доир ба тамоми ҷанбаҳои озмун баргузоршаванда;

14. Ба истиснои масъалаҳои дар банди 15 Низомнома пешбинишуда, тамоми қарорҳо доир ба ҳама ҷанбаҳои озмун аз тарафи худи аъзои Комиссияи хукуматӣ тибқи тартиби муаайянгардидаи боби 6 Низомнома инчунин бо дарназардошти муқаррароти Тартиби баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин қабул карда мешавад.

15. Қарорҳои Комиссияи ҳукуматӣ доир ба масъалаҳои дар зеровардашуда пешакӣ буда, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тасдиқ карда шаванд:

- тасдиқи шакли ниҳоии ҳуҷҷатҳои озмунӣ ҷиҳати интишор барои иштирокчиёни озмун;
- тасдиқи ғолибони озмун;
- маъқул донистани лоиҳаи Созишнома оид ба истифодабарии қаъри замин ҷиҳати имзорасонӣ бо ғолиби озмун.

## 4. Ҳуқуқҳои Комиссияи ҳукуматӣ

16. Комиссияи ҳукуматӣ ҳуқуқ дорад:
- дар ҳолатҳои пешбинишудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии озмунро дар тамоми марҳилаҳои гузариши озмун, аз иштирок бартараф намояд;
- аз иштирокчии озмун оид ба ҳуҷҷатҳои барои иштирок дар озмун пешниҳодшуда, инчунин вобаста ба пешниҳоди сармоягузорӣ, ки аз тарафи иштирокчии озмун ирсол гардидааст, тавзеҳот талаб намояд;
- аз мақомоти дахлдори давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар бораи нисбати чунин иштирокчӣ гузаронидани маросими муфлисшавӣ, барҳамдиҳӣ, дар бораи мавҷудияти қарзи чунин иштирокчӣ аз андозу хароҷотҳои ҳисобшуда ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва (ё) ба буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ барои соли тақвимии гузашта, доир ба додани дархости шикоятӣ ҷиҳати мавҷудияти чунин қарзҳо ва оид ба натиҷаҳои баррасии шикоят маълумот дархост намояд;
17. Аъзои Комиссияи ҳукуматӣ ҳуқуқ доранд:
- бо тамоми ҳуҷҷатҳову маълумотҳо ва пешниҳодҳои озмунии барои баррасӣ пешниҳодгардида шинос шаванд;
- дар ҷаласаҳои Комиссияи ҳукуматӣ доир ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа баромад намоянд;
- ақидаи махсуси худро, ки ба Протоколҳои ҷаласаҳои Комиссияи ҳукуматӣ замима карда мешавад, дар шакли хаттӣ пешниҳод намоянд.

## 5. Ӯҳдадориҳои Комиссияи ҳукуматӣ

18. Комиссияи ҳукуматӣ ӯҳдадор аст:
- мутобиқати иштирокчиёни озмунро ба талаботҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартҳои озмун ва Тартиби баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин мавриди санҷиш қарор диҳад;
- эзоҳоти иштирокчиёни озмунро доир ба ҳуҷҷатҳои дар якҷоягӣ бо дархостҳои пешниҳодшуда барои иштирок дар озмун ва пешниҳодҳои озмунӣ дар протоколҳои ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ дарҷ намояд;
- баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи пешниҳодҳои озмунии иштирокчиёни озмунро тибқи талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, регламенти озмун ва Тартиби баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин таъмин намояд;
- ҳамаи даъвоҳои хаттии довталабонро оид ба раванди озмун баррасӣ намуда, доир ба масъалаҳои гузоштташуда қарор мебарорад ва дар муддати 10 рӯзи корӣ ба довталаб ҷавоби асоснок мефиристад;
- амалӣ намудани дигар чорабиниҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур ва Тартиби баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин.

19. Аъзои Комиссияи ҳукуматӣ ӯҳдадор ҳаст:
- дар ҷаласаҳои Комиссияи ҳукуматӣ шахсан иштирок намояд.
20. Иштирок нанамудан дар ҷаласа танҳо бо сабабҳои узрнок ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад;
- ба ошкор кардани маълумоте, ки ба онҳо дар рафти омодасозӣ ва гузаронидани озмун дастрас мегарданд, роҳ надиҳад, ба ғайр аз ҳолатҳои мустақиман пешбинигардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба протоколҳои ҷаласаҳо ва хулосаҳои Комиссияи ҳукуматӣ имзо намояд;
- дар муҳокима ва овоздиҳӣ вобаста ба масъалаи муайян намудани ғолиби озмун иштирок намояд;
- ҳар як узви Комиссияи ҳукуматӣ оид ба иштироки фаъолона дар анҷомрасонии расмиёти кушодан ва сабт кардани дархостҳо барои иштирок дар озмун масъул мебошад.

## 7. Ташкили кор

21. Кори Комиссияи ҳукуматиро Раиси Комиссияи ҳукуматӣ ва ҳангоми набудани ӯ муовини Раиси Комиссия роҳбарӣ менамояд.
22. Раиси Комиссияи ҳукуматӣ (дар мавриди набуданаш муовини Раиси Комиссия):
- кори Комиссияи ҳукуматиро ташкил ва иҷрои Низомнома ва Тартиби баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри заминро таъмин менамояд;
- ба дархостҳое, ки ба вазорату идораҳо доир ба масъалаи гирифтани иттилооти зарурии вобаста ба озмун фиристонидашуда имзо менамояд;
- ба вазорату идораҳо доир ба масъалаҳои озмун супоришҳои дахлдор медиҳад;
- ҷаласаи Комиссияи ҳукуматиро салоҳиятнок эълон менамояд ва ё дар мавриди набудани кворум барои ба вақти дигар гузаронидани ҷаласа қарор қабул менамояд;
- ҷаласаҳои Комиссияи ҳукуматиро оғоз намуда, онро роҳбарӣ менамояд ва танаффус эълон мекунад;
- тартиби баррасии масъалаҳои муҳокимашавандаро муайян менамояд;
- дар ҳолати зарурӣ ба баррасии Комиссияи ҳукуматӣ масъалаи ба кори комиссия ҷалб намудани коршиносон ва мушовиронро пешниҳод менамояд;
- реҷаи озмунро тасдиқ менамояд;
- лифофаҳои пешниҳоди озмуниро мекушояд ва мундариҷаи онро қироат менамояд;
- натиҷаҳои овоздиҳӣ ва қарорҳои аз тарафи Комиссияи ҳукуматӣ қабулшударо эълон менамояд;
- якҷоя бо дигар аъзои Комиссияи ҳукуматӣ ва Котиби масъули Комиссияи ҳукуматӣ ба протоколҳои ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ имзо мегузорад;
- дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои иҷрошуда ҷиҳати анҷоми озмунҳо ҳисобот медиҳад.
23. Фаъолияти фаврии Комиссияи ҳукуматиро Котиботи Комиссия таҳти

роҳбарии Котиби масъул, ки аз тарафи Раиси Комиссияи ҳукуматӣ аз ҳисоби кормандони воҳиди сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад, ташкил ва таъмин менамояд, аз ҷумла Котиби масъул;

- қабул ва қайди дархостҳоро ҷиҳати иштирок дар озмунҳо ба роҳ мемонад;
- оид ба қабул ва ё рад гардидани дархост иштирокчиёнро огоҳ менамояд;
- дархостҳоро барои ирсол намудан ба вазорату идораҳо омода менамояд;
- аз номи Раиси Комиссияи ҳукуматӣ аъзои Комиссияи ҳукуматиро оид ба баргузории ҷаласаҳои Комиссияи ҳукуматӣ ва рӯзномаи ин ҷаласаҳо хабардор месозад;
- аъзои Комиссияи хукуматиро бо маводҳои зарурӣ доир ба масъалаҳои дар ҷаласаи навбатии Комиссияи ҳукуматӣ баррасишаванда таъмин менамояд;
- протоколи ҷаласаҳои Комиссияи ҳукуматиро пеш бурда, онҳоро якҷоя бо Раис ва аъзоёни Комиссияи ҳукуматӣ имзо мекунад;
- коргузории фаъолияти Комиссияи ҳукуматиро таъмин менамояд;
- тамоми фаъолиятро ҷиҳати анҷоми озмун ташкил мекунад;
- нигоҳдорӣ ва тамомияти ҳамаи ҳуҷҷатгузории озмунро таъмин менамояд;
- бо супориши Раиси Комиссияи ҳукуматӣ дигар вазифаҳоеро, ки аз муқаррароти Низомномаи мазкур бармеоянд, мавриди амал қарор медиҳад.

24. Натиҷаҳои кори Комиссияи ҳукуматӣ бо барасмиятдарории протоколи ниҳоӣ ва хулоса анҷом дода мешавад, ки аз ҷониби Комиссияи ҳукуматӣ ба мақоми иҷозатномадиҳӣ дар давоми ду рӯз пас аз тасдиқи он барои қабули қарор оид ба ғолиби озмун ва интишори натиҷаҳо ва огоҳнамоии ғолиби озмун ирсол карда мешавад.

25. Барои гузаронидани ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ иштироки на камтар аз 7 аъзои он (кворум) зарур мебошад.

26. Тамоми қарорҳо доир ба масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа дарҷ гардида, бояд дар худи ҳамон ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ қабул карда шаванд.

27. Дар вақти қабули қарор аъзои Комиссияи ҳукуматӣ ҳуқуқ надорад, ки аз овоздиҳӣ худдорӣ ва ё саркашӣ намоянд. Аъзои Комиссияи ҳукуматӣ, ки ҳангоми овоздиҳӣ шумораи ақаллиятро ташкил медиҳад, ӯҳдадор мебошад, ки дар протоколи ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ фикри махсуси худро, бо дарназардошти тасдиқ намудани он бо имзои худ ворид намояд.

28. Тамоми қарорҳои Комиссияи ҳукуматӣ тариқи овоздиҳии кушода қабул карда мешавад. Қарор дар он маврид қабулгардида ҳисобида мешавад, ки ба он аксарияти аъзои Комиссияи ҳукуматии дар ҷаласа иштирокдошта овоз диҳад.

29. Дар ҳолати набудани кворум ҷаласаи Комиссияи ҳукуматӣ қатъ мегардад ва баргузории он ба таъхир гузошта шуда, ҷаласаи такрорӣ дар мӯҳлати на зиёда аз 3 рӯзи корӣ бояд таъмин карда шавад. Дар ҳолати набудани кворум дар ҷаласаи Комиссияи ҳукуматии ба таъхир гузошташуда (такрорӣ), Комиссияи ҳукуматӣ ҳуқуқ дорад, бо овоздиҳии аксарияти

аъзои Комиссияи ҳукуматии дар ҷаласаи мазкур иштирокдошта қарор қабул намояд.

30. Мубодилаи маълумот байни Комисссияи ҳукуматӣ ва иштирокчиёни озмунӣ дар шакли хаттӣ амалӣ карда мешавад.

## 7. Тартиби ҳамкорӣ бо иштирокчиёни озмун

31. Ба аъзои Комиссияи ҳукуматӣ, инчунин дигар хизматчиёни давлатие, ки дар доираи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии худ ба таври мустақим ва ё ғайримустақим оид ба масъалаҳои озмун вобаста мебошанд, ба алоқа баромадан ба иштирокчиёни озмун ва ё намояндагони онҳо, ҷавоб додан ба онҳо дар робита ба озмун ба ғайр аз тартиби дар Низомнома ва Тартиби баргузории озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи қаъри замин зикргардида, манъ мебошад.

32. Комиссияи ҳукуматӣ дар ҳолати зарурӣ аз ҳайати худ як гурӯҳро барои гузаронидани машварат бо иштирокчиёни озмун муайян менамояд.

33. Дар тамоми ҳолатҳо, Котиби Комиссияи ҳукуматӣ, якҷоя бо мушовирон (дар ҳолати ҷалби онҳо) дар мувофиқа бо Раиси Комиссияи ҳукуматӣ ба ҳайси воситаи робита байни Комиссияи ҳукуматӣ ва иштирокчиёни озмун баромад мекунад.

34. Тамоми дархостҳо аз тарафи иштирокчиёни озмун ва дигар иттилоот, ки ба унвонии Комиссияи ҳукуматӣ ирсол карда мешаванд, бояд дар шакли хаттӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ё англисӣ бо ирсоли ҳатмии нусхаи онҳо ба почтаи электронӣ ба нишонии Комиссияи ҳукуматӣ амалӣ карда шаванд.

## 8. Қатъ гардидани фаъолияти Комиссияи ҳукуматӣ

35. Фаъолияти Комиссияи ҳукуматӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда мешавад.